ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

оид ба эълони “Ҳафтаи илм” ва гузаронидани конференсияи илмию назариявии ҳайати илмию омӯзгорӣ ва донишҷӯён

аз «11» 03 соли 2026 № 03/14 ш. Душанбе

§ 1. Бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ҳафтаи чоруми моҳи апрел (20.04.2026-25.04.2026) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон “Ҳафтаи илм” эълон карда шавад.

§ 2. Конференсияи илмию назариявии ҳайати илмию омӯзгории донишгоҳ аз 20.04.2026 то 22.04.2026 ва конференсияи илмию назариявии донишҷӯёни донишгоҳ аз 23.04.2026 то 25.04.2026 гузаронида шавад.

§ 3. Сардори раёсати илм ва инноватсия вазифадор карда шавад, ки дар ҳамкорӣ бо садорати факултетҳо то 10.04.2026 барномаи гузаронидани “Ҳафтаи илм” ва конференсияи илмию назариявии ҳайати илмию омӯзгорӣ ва донишҷӯёни донишгоҳ ва то 27.04.2026 маълумот оид ба натиҷаҳои баргузории чорабиниҳоро ба раёсати донишгоҳ пешниҳод намояд.

§ 4. Деканҳои факултетҳо вазифадор карда шаванд, ки ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва гузаронидани конференсияи илмию назариявии ҳайати илмию омӯзгорӣ ва донишҷӯёни донишгоҳ шароити мусоид фароҳам оварда, раванди гузаронидани конференсияро зери назорат гиранд.

§ 5. Мудирони кафедраҳо вазифадор карда шаванд, ки номгӯйи мақолаҳо ва ному насаби маърӯзачиёнро то 01.04.2026 ба раёсати илм ва инноватсия пешниҳод намоянд.

Асос: Пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ Машокиров Ҷ.Н., сардори раёсати илм ва инноватсия Султонов З.С.

Ректор Назарзода Х.Х.